# ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Раҷабалиева Шаҳло Раҷабалиевна дар мавзуи «Хусусиятҳои ғоявӣ, жанрӣ ва бадеии ашъори Муҳаммад Ғоиб» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ пешниҳод шудааст.

Адабиёти даврони Истиқлол намояндагони зиёде дорад. Яке аз адибони муваффақи ин давраи адабиёти тоҷик Муҳаммад Ғоиб аст, ки бо тарғиби ғояҳои ватандӯстӣ, худшиносӣ ва баррасии масъалаҳои иҷтимоӣ соҳибному соҳибмақом гаштааст. Автореферати диссертатсияи Раҷабалиева Шаҳло Раҷабалиевна ба таҳқиқи паҳлуҳои таҳқиқнашудаи эҷодиёти Муҳаммад Ғоиб равона шудааст, ки дар адабиётшиносии тоҷик мубрам арзёбӣ мегардад.

Диссертант мавзуъро ба се боб ва фаслҳои ба бобҳо мувофиқ тасниф намуда, масъалаҳои мавриди назарашро бо далелҳо, муҳокимарониҳо ва натиҷагириҳои ҷолиб ҳал кардааст. Аз ин бармеояд, ки вай аз назария ва амалияи шеъри муосири тоҷик ва равандҳои он хуб огоҳ аст ва осори адабии М. Ғоибро хуб омӯхтааст.

Раҷабалиева Ш дар боби аввали таҳқиқот дар бораи «Муҳаммад Ғоиб ва ҷойгоҳи шеъри ӯ дар адабиёти муосири тоҷик» баҳс ороста, дар фаслҳои он марҳилаҳои ташаккули шахсияти адиб, хусусиятҳои муҳтавои ашъор ва тавсифи симоҳои таърихӣ ва адабию фарҳангиро дар шеъри Муҳаммад Ғоиб баррасӣ намудааст.

Дар боби дуюм, хусусиятҳои жанрии ашъори Муҳаммад Ғоибро муайян карда, зимнан, ба ҷойгоҳи жанри ғазалу рубоӣ, дубайтӣ, чаҳорпора, шеъри озод, шеъри бачагона дар эҷодиёти шоир мутаваҷҷеҳ гашта, чунин натиҷагирӣ намудааст: Муҳаммад Ғоиб шоири нуктасанҷу пухтакор буда, бо доштани салиқаи баланди шоирӣ метавонад кори тасвир ва бори маъниро дар ҳама навъҳои шеърӣ бо маҳорати баланду нотакрор мавриди истифода қарор диҳад (саҳ.27), ки воқеан, дуруст

мебошад. Дар боби сеюм диссертант ҷанбаҳои адабӣ ва ҳунарии ашъори М. Ғоибро баррасӣ намуда, иброз доштааст, ки шоир дар истифодаи санъатҳои бадеӣ дасти расо дошта, дар вақти корбурд онҳоро ба маврид истифода бурдааст ва ин даъворо муҳаққиқ бо мисолҳо собит намудааст. Мутолиаи автореферати Раҷабалиева Ш. нишон медиҳад, ки ӯ аз уҳдаи иҷрои мақсаду вазифаҳои дар таҳқиқи мавзуъ муайянкардаи худ ба хубӣ баромадааст. Забони автореферат фасеҳи илмӣ, таҳлил ва андешаҳои бо далел овардашуда ва натиҷагириҳо эътимодбахшанд. Хулосаи таҳқиқотро диссертант дар 12 банди мушаххас нишон додааст, ки аз фазилатҳои босамари таҳқиқот дарак медиҳад.

Дар баробари дастовардҳои илмӣ дар матни автореферат ғалатҳои гуногунсатҳ роҳ ёфтаанд, ки нишон додани баъзе аз онҳо барои беҳтар шудани корҳои минбаъдаи диссертант муфид арзёбӣ мешавад:

1. Дар ибораи "Нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда" тибқи муқаррарот вожаи "асосӣ" зиёдатӣ мебошад (саҳ.10).

2. Нагузоштани сархат дар нишон додани "Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия" (саҳ.13).

3.Ғалатҳои имлоӣ, услубӣ ва китобат дар саҳифаҳои ҷудогонаи автореферат роҳ ёфтаанд, ки бартараф намудани онҳо мувофиқи мақсад мебошад.

Ҳамаи он камбудиҳое, ки, ки ин ҷо таъкид гардид, ба муҳтавои умумии автореферати диссертатсия халал ворид намекунад ва онҳо маҷмӯанислоҳпазиранд.

Хулоса, автореферати диссертатсияи Раҷабалиева Шаҳло Раҷабалиевна дар мавзуи «Хусусиятҳои ғоявӣ, жанрӣ ва бадеии ашъори Муҳаммад Ғоиб» кори анҷомёфтаи илмӣ маҳсуб меёбад ва он ба талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ пешниҳод шудааст, комилан мувофиқ

аст ва диссертант барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ сазовор мебошад.

Муқарриз:

Номзади илмҳои филологӣ, дотсенти
кафедраи забонҳо, Сардори раёсати илм ва инноватсияи
Донишкадаи тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон
ба номи С. Раҳимов Миралиева Сарварбӣ Толибовна
«6» декабри соли 2025.

Суроға: 734060, Ҷумҳурии тоҷикистон,
Шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи
Ҷ. Расулов 55/ 5 , ҳуҷраи 30.
Тел.: (+992) 001013468
E-mail: sano00475@gmail.com

Имзои Миралиева Сарварбӣ Толибовнаро
тасдиқ мекунам: сардори раёсати кадрҳо,коргузорӣ
ва ҳуқуқи Донишкадаи тарбияи ҷисмонии
Тоҷикистон ба номи С. Раҳимов Мирзоев Олимҷон Умарович

Суроға: 734053, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, маҳаллаи Лучоб, 53.
Телефон: (+992-37) 224-73-77; тел.: +992 903130600,
+992001222612 *E-mail:* korguzor.dtj@mail.

«6» декабри соли 2025.